«Тасдиқ мекунам»

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илми таърих, профессор ________ Ибодуллозода А.И.
«_24_» ___06___ 2022.

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Забирова Мехринисо Элбеговна** соли 1993 факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ)-ро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, то соли 1997 ба ҳайси ассистент дар кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогикаи Донишкадаи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) кор кардааст. Аз соли 1997 то 1998 дар Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Тоҷикистон (ҳоло Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ) ба сифати ходими илмӣ ифои вазифа намудааст. Аз соли 2002 то имрӯз дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳамчун муаллими калон кору фаъолият дорад. Солҳои 2017-2020 унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ буд.

Роҳбари илмии Забирова Мехринисо Элбеговна доктори илмҳои филология, профессор Ш. Р. Исрофилниё мебошад.

Мавзуи диссертатсия зери унвони «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV » дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ 21.12.2018, қарори №5/4.4 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд :**

Бояд зикр кард, ки ҳар як навъи калом дорои хусусият ва моҳияти ба худ хос аст, минҷумлаи шеър молики чанд унсур аст, ки яке аз онҳо каломи мухайял, образ, имож ё худ тасвир ҷавҳари зотии шеър ба шумор меравад. Аз ин рӯ, барои дуруст омӯхтани поэтикаи шеър ва дарёфтани марому мақсади шоир бояд ба таҳқиқи тасвирҳои шоирона пардохт, зеро кашфи моҳияти асосии шеър-тасвири шоирона чун мифтоҳе хизмат хоҳад намуд, ки ба туфайли он дониш, маҳорат ва завқу салиқаи эстетикии суханвар муайян мегардад. Бо назардошти ҳамин андешаҳо диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна ба таҳқиқи яке аз масоили камомӯхташудаи илми адабиётшиносии тоҷик-тасвирҳои шоирона бахшида шуда, тасвири боди сабо дар ғазали шоирони асри XIV, ки даврони равнақи ғазалсароӣ маҳсуб мешавад, мавриди таҳқиқи густарда қарор гирифтааст.

Аз баррасӣ ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия бармеояд, ки тасвири боди сабо яке аз тасвирҳои хеле густарда дар адабиёти форсии тоҷикӣ буда, аз устод Рӯдакӣ то шоирони муосир ин образро ба гунаҳои мухталиф ба тасвир кашидаанд ва дар ғазали асри XIV тасвири боди сабо ба ҳадди камоли худ расидааст. Таҳқиқи тасвири боди сабо дар асри XIV имкон фароҳам меоварад, ки нақши ин образ дар адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик ба дурустӣ муайян гардад. Аз сӯйи дигар, барои таҳқиқи амиқи тасвири муайяни шоирона бояд ба манбаъ, сарчашмаи пайдоиш ва инкишофу такомули он рӯ овард, зеро бидуни донистани манбаи пайдоиши тасвир дарки ҳамаҷонибаи он аз имкон берун аст. Ба ин мақсад муаллифи диссертатсия такя ба гуфтаи шеършиносон нахуст нақши тасвирро дар шеър таъйин намуда, баъдан бо истифода аз луғатномаҳову фарҳангҳои асримиёнагиву муосир ва шарҳҳову рисолаҳои тадқиқотӣ маънои луғавию рамзии ирфонии сабоPо равшан

намудааст. Таъйини маънои луғавӣ ва рамзии ирфонии боди сабо имкон дода, ки унвонҷӯ сайри таърихии пайдоиш ва такомули тасвири боди сабоpo то асри XIV ба дурустӣ муайян намуда, вазифа ва нақши онро то асри мавриди таҳқиқ мушаххас намояд.

Забирова Меҳринисо Элбеговна "боди сабо"-ро ба ҳайси маърифат ва тасвири бадеӣ дар ғазалиёти шоирони асри XIV ҳамаҷониба баррасӣ намуда, мушаххасоти бадеӣ ва арзиши маърифатию зебошинохтии онро бо далоили илмӣ собит намудааст. Унвонҷӯ дар ғазали асри XIV ду тарзи тасвири боди сабоpo мушаххас намудааст: Нахуст, сабо ба сифати мабдаи тасвир ва сониян, сабо ба ҳайси воситаи тасвир ба кор рафтааст. Муаллифи диссертатсия бо мадраки илмӣ ва шавоҳиди шеърӣ собит мекунад, ки дар бахши сабо ба сифати мабдаи тасвир, шоирон бевосита перомуни боди сабо мушаххасот ва амалиёти он сухан мегӯянд, вале дар мавриди сабо- воситаи тасвир маънию мавзуоти дигар бо истифода аз вожаи сабо баён мегарданд. Ин ду тарзи тасвирро муаллифи диссертатсия ба мавзую мативҳо тақсим намуда, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Барои расидан ба ҳалли комили мавзуи таҳқиқ муаллиф дар назди худ вазифаи зерро гузоштааст:

-баррасии истилоҳи тасвир, хаёл, сурат, имож ва нақши он дар шеър аз назари суханшиносон;

- баррасии таърифи мафҳуми "сабо" ва муродифҳои он дар фарҳангу луғатномаҳои асримиёнагӣ ва муосир;

-таъйини мушаххасоти "боди сабо";

-таъйини маънои рамзии ирфонии "сабо";

-баррасии сайри таърихии тасвири "боди сабо" то асри XIV;

- муайян намудани сабо ба сифати воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ;

- муайян намудани тарзи тасвири "боди сабо" дар ғазалиёти шоирони асри XIV:

- боди сабо ба сифати мабдаи тасвир дар ғазалиёти шоирони ин давра ;

- боди сабо ба ҳайси воситаи тасвир дар ғазали шоирони ин аҳд;

-таъйини вазифаҳо ва мушаххасоти "боди сабо" дар ғазалиёти шоирони ин даврон;

-таъйини боди сабо ба сифати як унсури табиат;

-таъйини мушаххасоти сабои орифона;

-таъйини ҳунари тасвиророи шоирони ин аҳд бо истифода аз мафҳуми "сабо".

**Ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқот** муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳқиқи мавзуъ девони шоирони асри XIV, назири Хоҷуи Кирмонӣ, Салмони Соваҷӣ, Убайди Зоконӣ, Носири Бухороӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Авҳадии Мароғаӣ, Имомуддини Насимӣ, Ибни Ямини Фарюмадӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва дигаронро мавриди истифода қарор додааст. Ҳамчунин, барои таъйини сайри таърихии тасвири сабо то асри XIV муаллифи диссертатсия ашъори шоирони асрҳои X- XIV -ро ба ҳайси сарчашма ба кор гирифтааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии диссертатсияро** шеваи таҳқиқи муқоисавию таърихӣ, матншиносӣ, қиёсию татбиқӣ ва оморӣ ташкил додаанд. Ҳангоми таълифи диссертатсия аз дастовардҳои илмии донишмандони ватанию хориҷӣ, амсоли: Ризо Бароҳанӣ, Маликушшуаро Баҳор, Шафеии Кадканӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Забеҳуллоҳ Сафо, Баҳоуддин Хуррамшоҳӣ, М. Футуҳӣ, В.Г. Белинский, Е.Э. Бертелс, Э.Е. Шаталов, М. Ю. Лотман, Д.С. Лихачёв, М. Рейснер, А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, Х. Шарифов, Б. Мақсудов, Ш.Р. Исрофилниё , О. Ш. Саидҷаъфаров ва дигарон истифода шудааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он мушоҳида мешавад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик бо истифода аз луғату фарҳангҳо ва шарҳҳову рисолаҳои тадқиқотии гузаштаву муосир мафҳуми "боди сабо" равшан гардида, сайри таърихии он аз ибтидои адабиёти форсии тоҷикӣ то асри XIV мушаххас шуда, тасвири "боди сабо" дар ғазалиёти шоирони асри XIV мавриди таҳқиқи густардаи монографӣ қарор дода шудааст. Муаллиф "боди сабо"-ро ба ҳайси маърифат ва тасвири бадеӣ дар ғазалиёти шоирони асри XIV таҳқиқ намуда, хусусиятҳои бадеӣ ва

арзиши маърифатию эстетикии онро ба дурустӣ муайян кардааст. Илова бар ин, дар диссертатсия мафҳуми рамзии ирфонии сабо коркард шуда, усули корбурд ва вазифаву мушаххасоти он дар ашъори шоирони орифи ин аҳд бо шавоҳиди шеърӣ собит шудааст. Таъйини ҳунари шоирӣ ва завқу салиқаи зебошинохтии шоирон ҳангоми корбурди мафҳуми "сабо" дар тасвирҳои шоирона аз бозёфтҳои муҳимми унвонҷӯ ба шумор меравад.

Диссертатсияи номзадии Забирова М.Э аз чанд ҷониб аҳаммияти махсус дошта, **арзишии назариаш** дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар ин таҳқиқот фароҳамомада ва хулосаҳои илмии он барои равшанӣ андохтан ба яке аз масоили камомӯхташудаи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, тасвирҳои шоирона дар мисоли ғазалиёти шоирони асри XIV муфид буда метавонад. Меъёрҳое, ки муаллифи диссертатсия дар таъйини мушаххасоти ғазали асри XIV ва ҳунари тасвиророии шоирони ин аҳд мавриди корбурд қарор додааст, барои омӯзиши баъдинаи шеваи ғазалсароии адабиёти тоҷик мусоидат менамояд.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба сифати нахустин пажӯҳиш ва баррасии муфассали илмӣ таҳқиқи густардаи тасвири "боди сабо" дар ғазалиёти шоирони асри XIV, заминаҳои пайдоишу ташаккули ин тасвир ва муайян намудани арзиши адабию эстетикӣ ва маърифатию ҳунарии он ихтисос дорад, барои таҳқиқи минбаъдаи ғазал дар адабиёти тоҷик ба муҳаққиқон ёрӣ мерасонад. Мавод ва хулосаҳои диссертатсияро метавон дар навиштани таърихи адабиёт, алалхусус адабиёти асри XIV, китобҳои дарсӣ, курсу семинарҳои ихтисос доир ба ташаккулу таҳаввули ғазал, тасвирҳои шоиронаву образҳои шеърӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода бурд. Ҳамчунин, дастовардҳои диссертатсия ҳангоми омӯзиши таҳаввулу такомули ғазали форсии тоҷикӣ дар садаи XIV, таҳқиқи ашъори шоирони ин даврон метавонад муфид бошад.

Натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ дар 5 мақолаи тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст:

[1-М]. Забирова, М.Э. Шарҳу тавзеҳ ва таърифи "боди сабо" дар фарҳангу луғатҳо ва рисолаҳои тадқиқотӣ / М.Э. Забирова // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ.- Душанбе, 2019. №2 (79). – С. 235-238.

[2-М].Забирова, М.Э. Тасвири "боди сабо" дар ашъори шоирони асри X / М.Э. Забирова // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ. - Душанбе, 2019. - №4 (81). – С. 186 - 190.

[3-М].Забирова, М.Э. Тасвири "боди сабо" дар ашъори шоирони асрҳои X1-XIII / М.Э. Забирова // Суханшиносӣ. Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ - Душанбе, 2019, №4.- С. 147- 158.

[4-М]. Забирова, М.Э. Боди сабо воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ / М.Э. Забирова // Паёми Донишкадаи забонхо – Душанбе, 2019, №4 (36). - С. 51-59.

[5-М]. Забирова, М.Э. Талмеҳ аз устураи пайғамбарон бо корбурди " боди сабо" дар ғазалҳои шоирони асри X1V / М.Э. Забирова // Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ - Душанбе, 2019, №5 (100). – С. 182- 186.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговнаро дар мавзуи "Тасвири "боди сабо" дар ғазали асри XIV" кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ- таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар чаласаи васеи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шудааст.

Дар чаласа иштирок доштанд: 15 нафар.

Натичаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, « бетараф » - нест, «муқобил »- нест, суратчаласаи №12 аз 21.06. 2022.

Раиси чаласа, доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт — Салихов Ш. А.

Котиби чаласа, номзади илми филология,дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт — Шоев А. А.

Имзои Ш. А Салихов ва А. А. Шоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.